**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи номзадии Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2026. – 175 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Дар ҷаҳони муосир давлатҳо баҳри ҳимояи арзишҳои миллӣ ва таърихии худ пайваста талош намуда, ҷиҳати эмин нигоҳ доштани онҳо аз тамоми имкониятҳо истифода менамоянд. Яке аз арзишҳои бисёр муҳимми моро, арзишҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки дар доираи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, катибаҳои бостон, андарзномаҳо ва афкори мутафаккирон эмин нигоҳ дошта шуда, то ба мо омада расидаанд. Дар онҳо масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, махсусан арзишҳои бунёдии марбут ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нуҳуфтаанд, ки дар раванди дигаргун гардидани муносибатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳлил ва баррасӣ намуданашон амри воқеӣ ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд ишора намуд, ки тоҷикон аз аҳди қадим ба масъалаи ҳуқуқи инсон ва эҳтироми манфиатҳои ӯ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз нигоҳи расмӣ ба инсон чун боарзиштарин мавҷудот муносибат менамуданд. Дар як қатор сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, ба мисли Вандидоди Авасто, Эъломияи Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён, ардарзномаҳо ва афкори мутафаккарирони тоҷик масъалаи ҳуқуқи инсон мавриди танзим ва баррасӣ қарор дода шудааст. Махсусан, агар ба моҳияти қабули Эъломияи Куруши Кабир нигоҳ намоем, маълум мегардад, ки ҳадафи қабули он эътирофи ҳуқуқи инсон ва таъмини ҳаққи озодӣ ба ӯ маҳсуб ёфта, дар заминаи ин амали худ бардагӣ ва шиканҷаро дар сарзамини тоҷикон бекор намуд. Маҳз бо мақсади дуруст омӯзиш ва муаррифӣ намудани ин сарчашмаи миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дастурҳои мушаххас додаанд. Инчунин, аз ҷониби ЮНЕСКО эътироф шудани сарчашмаи мазкур ба сифати нахустсанад дар самти ҳуқуқи инсон далели равшани манзали воло доштани Эъломияи Куруши Кабирро дар арсаи байналмилалӣ медиҳад. Дар Қонунномаи Сосониён бошад, на танҳо муносибатҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, балки баробарҳуқуқии шаҳрвандони мулкӣ ва ғайримулкӣ мавриди танзим қарор гирифтааст. Ҳамаи ин башорат аз он медиҳанд, ки тоҷикон дар

саргаҳи танзими муносибатҳои марбут ба ҳуқуқи инсон қарор доштанд. Бо ин назардошт, таҳлил ва баррасӣ кардани сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз зумраи масъалаҳои марказии илми ҳуқуқшиносии муосири ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои мазкур метавон иброз намуд, ки рисолаи илмии Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» дорои аҳамияти муҳимми илмӣ буда, баррасӣ ва таҳлил намудани он дар шароити муосир дорои мубрамият мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Рисолаи илмии Холиқзода О.А. дорои навгониҳои муҳимми илмӣ мебошад, ки метавон онҳоро ба қисматҳои зерин ҷудо намуд:

1. Рисолаи мазкур бори нахуст таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсонро дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва афкори мутафаккирони тоҷик баррасӣ намуда, дар заминаи он хулосаҳои муҳимми илмӣ манзур намудааст.

2. Муаллиф пас аз таҳлили сарчашмаҳои зиёди таърихӣ-ҳуқуқӣ ва андешаву назари олимон дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ нахустин бор мафҳуми васеи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро манзур кардааст.

3. Дар рисолаи илмӣ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии андешаи ҳуқуқи инсон дар тамаддунҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор гирифта, муаллиф мавқеи тамаддуни ориёиро дар рушди андешаи ҳуқуқи инсон амиқан нишон додааст.

4. Дар доираи рисолаи илмӣ таҳлили амиқи тадбиқи адолати судӣ дар сарзамини тоҷикон, махсусан дар доираи ҳуқуқшиносони бостон нишон дода шуда, махсусияти онҳо муайян карда шудааст.

5. Сарчашмаҳои бунёдӣ дар самти ҳуқуқи инсон мавриди таҳлил қарор гирифта, махсусияти танзими ҳуқуқи инсон дар онҳо муайян карда шудааст.

6. Хулоса ва пешниҳодҳои илмии манзуршуда дар муҳити илми ҳуқуқшиносӣ нав буда, метавонанд дар таҳкими донишҳои ҳуқуқӣ ва таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ заминаи муҳимро гузоранд.

Дар маҷмӯъ, навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада асоснок буда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда бо таҳлили амиқи илмӣ-амалӣ, муқоисаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузории муосир, таъмин гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар доираи диссертатсия пешниҳод гардидаанд, пеш аз ҳама, бо риояи қатъии принсипҳои таҳқиқоти илмӣ ва пайдарпайии мантиқии баррасии масъалаҳо таъмин шудаанд. Равиши илмии интихобшуда имкон додааст, ки мавзуи таҳқиқот ба таври системавӣ ва ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада хусусияти илмӣ ва далелнок пайдо намоянд. Инчунин, интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ ва мутобиқ намудани онҳо ба хусусияти мавзуъ барои ба даст овардани хулосаҳои боэътимод заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф аз маҷмӯи васеи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносӣ истифода намудааст. Аз ҷумла, истифодаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имкон додааст, ки равандҳои ташаккул ва рушди андешаи ҳуқуқи инсон дар заминаи давраҳои гуногуни таърихӣ пайгирӣ карда шаванд. Усули мантиқӣ барои таҳлили мафҳумҳо, муайян намудани робитаҳои дохилии онҳо ва баровардани хулосаҳои асоснок мусоидат намудааст. Ҳамзамон, усули таҳлили низомӣ имконият фароҳам овардааст, ки масъалаи ҳуқуқи инсон ҳамчун як низоми мураккаб ва бисёрҷанба баррасӣ гардад. Истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бошад, барои ошкор намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи андешаи ҳуқуқи инсон дар давраҳои гуногун ва дар сарчашмаҳои мухталиф нақши муҳим бозидааст. Маҷмӯи чунин усулҳо дар маҷмӯъ ба баланд гардидани сатҳи илмии таҳқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод мусоидат намудааст.

Эътимоднокии хулосаҳои илмӣ, пеш аз ҳама, ба пойгоҳи васеи манбаъшиносӣ такя мекунад. Дар раванди таҳқиқ сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла ёдгориҳои хаттӣ, санадҳои ҳуқуқии давраҳои гуногун, инчунин осори мутафаккирони барҷастаи тоҷик мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқ ба дастовардҳои муосири илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, консепсияҳои пешрафтаи ҳуқуқи инсон ва таҳлили равандҳои воқеии иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеаи муосир такя мекунанд. Ин омилҳо дар маҷмӯъ ба таҳқиқот заминаи устувори илмӣ бахшида, сатҳи эътимоднокии хулосаҳоро баланд мебардоранд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, ҳамчунин, бо мутобиқати қатъии онҳо ба мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда таъмин мегардад. Ҳар як хулоса на ба таври ҷудогона, балки ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ягонаи таҳқиқ баррасӣ шудааст. Ин тарзи баррасӣ имкон медиҳад, ки ҳамаи натиҷаҳо дар ҳамбастагӣ бо ҳамдигар маънои амиқ пайдо намуда, моҳияти аслии таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷикро ҳамаҷониба инъикос намоянд.

Дар маҷмӯъ, метавон таъкид намуд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз як тараф ба истифодаи васеи усулҳои илмии таҳқиқ, ва аз тарафи дигар ба таҳлили мукаммалу амиқи сарчашмаҳои таърихӣ ва назариявӣ такя намуда, арзиши илмии кори анҷомёфтаро таъмин менамоянд.Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо далелҳои кофии илмӣ асоснок гардида, эътимоднокии онро таъмин менамоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисолаи илмии Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии

довталаби дарачаи илмӣ иборат буда, ҳачми умумии диссертатсия 175 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххас муайян шудаанд. Ҳамзамон, пояҳои методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот тавсиф ёфта, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври мухтасар ифода гардидаанд.

Боби якум, ба баррасии мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва таҳаввули андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон бахшида шуда, дар он нақши калидии ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши меҳварии давлати ҳуқуқбунёд таъкид мегардад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки сарчашмаҳои муосири ҳуқуқи инсон реша дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ дошта, маҳз тавассути онҳо заминаҳои ташаккули ин падида гузошта шудаанд. Дар ин замина, зарурати муайян намудани мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ бо такя ба таҳлили илмӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, нишон дода мешавад, ки арзишҳои инсонпарварона, аз қабили адолат, баробарӣ ва озодӣ, дар фарҳанги ҳуқуқии ниёгони тоҷик ҷойгоҳи муҳим дошта, дар сарчашмаҳои таърихӣ инъикос ёфтаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки ин сарчашмаҳо дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ шаклҳои гуногуни ифодаи ҳуқуқи инсонро фаро гирифта, аз меъёрҳои ахлоқию динӣ то санадҳои расмии давлатӣ инкишоф ёфтаанд.

Дар боби дуюм, масъалаи инъикоси ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ дар шаклҳои гуногуни иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёфтаанд. Ҳамзамон, таъкид мегардад, ки раванди ташаккули ҳуқуқи инсон дар таърих пайдарҳам ва мураккаб буда, дорои ҷанбаҳои зиддиятнок мебошад. Таҳлили меъёрҳои Авасто нишон медиҳад, ки дар он на танҳо муносибатҳои дохилӣ, балки унсурҳои алоҳидаи ҳимояи ҳуқуқи инсон дар сатҳи фаромиллӣ низ инъикос ёфтаанд. Муаллиф Авасторо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои қадимтарини таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик арзёбӣ намуда, нақши онро дар ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон муҳим медонад.

Боби сеюм, ба таҳлили андешаи ҳуқуқи инсон дар асрҳои миёна бахшида шуда, дар он пайдарҳамии таърихии рушди ин падида таъкид мегардад. Муаллиф нишон медиҳад, ки ташаккули ҳуқуқи инсон дар таърихи халқи тоҷик тавассути ду самт – расмӣ-давлатӣ ва маънавӣ-ҳуқуқӣ амалӣ гардидааст. Дар баробари сарчашмаҳои расмӣ, афкори мутафаккирони тоҷику форс низ дар рушди андешаи ҳуқуқи инсон саҳми назаррас гузоштааст. Онҳо масъалаҳои адолати иҷтимоӣ, идоракунии одилонаи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар меҳвари таълимоти худ қарор дода, ба арзишҳои инсондӯстӣ ва баробарӣ аҳаммияти махсус додаанд.

Дар қисми хулосавӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои илмӣ дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод шудаанд. Муаллиф вобаста ба марҳилаҳои гуногуни рушди андешаи ҳуқуқи инсон хулосаҳои мушаххас бароварда, инчунин пешниҳодҳои амалиро ҷиҳати такмили фаҳмиши муосири ин падида ироа намудааст.

Сохтори диссертатсия бо дарназардошти ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи умумии таҳқиқот тарҳрезӣ гардида, пайдарҳамии дохилии он таъмин шудааст ва масъалаҳои матраҳшуда дар маҷмӯъ ҳалли илмии худро пайдо намудаанд. Пешниҳодҳо ва натиҷаҳои баёншуда бо таҳлили амиқи сарчашмаҳои истифодашуда, ки ба масъалаи ҳуқуқҳои дахлдор марбутанд, асоснок гардонида шудаанд. Ҳамзамон, фарохии пойгоҳи манбаъшиносӣ ва гуногунрангии адабиёти илмии истифодашуда ба муаллиф имкон додааст, ки ҳолати омӯзиши мавзуъро ҳамаҷониба баррасӣ намуда, ба хулосаҳои муътамад бирасад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти анҷомёфта ба ғанӣ гардонидани заминаҳои назариявии илми ҳуқук, махсусан назарияи давлат ва ҳуқуқ, мусоидат менамояд. Баррасии ҳамаҷонибаи таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик имкон медиҳад, ки қонуниятҳои ташаккул ва рушди ин падида дар робита ба омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ошкор карда шаванд. Дар доираи таҳқиқот мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дақиқ гардида, ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар ташаккули афкори ҳуқуқӣ муайян карда шудааст. Хулосаҳои илмии бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ ва методологӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар самтҳои ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқ ва назарияи давлату ҳуқуқ хизмат намуда, барои такмили равишҳои илмӣ дар омӯзиши ин масъалаҳо мусоидат намоянд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи васеи истифодаи онҳо дар фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои илмӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин дар раванди таҳияи стратегияҳои рушди соҳаи ҳуқуқи инсон мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, маводи диссертатсия метавонад дар ҷараёни таълим, аз ҷумла ҳангоми омӯзиши фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ, таърихи ҳууқуқи инсон, ҳуқуқи инсон, ҳамчун манбаи иловагии таълимӣ истифода шуда, ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳкими заминаҳои ҳуқукии муносибатҳои иктисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи пешгӯишавандагии онҳо ифода меёбад. Дарки амиқи моҳияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин татбиқи дурусти онҳо дар амалия, ба устувории низоми ҳуқуқӣ ва коҳиш ёфтани хавфҳои ҳукукӣ дар фаъолияти иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ин омил, дар навбати худ, барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, рушди соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ аҳамияти муҳим дорад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар таъсири мусбати он ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқукии ҷомеа ифода меёбад. Таҳқиқоти анҷомёфта ба тарғиб ва таҳкими арзишҳои бунёдии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла адолат, қонуният ва баробарӣ, мусоидат

намуда, барои рушди ҷаҳонбинии ҳуқуқии шаҳрвандон замина фароҳам меорад. Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар раванди таҳкими давлати ҳуқуқбунёд, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши муҳим бозанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 18 маводи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 14 мақола дар нашрияҳои дигар ва 1 воситаи таълимӣ ба табъ расидаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Рисолаи илмии Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат фишурдаи диссертатсия ба ҳисоб рафта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди сатҳи умумии баланди таҳқиқ ва арзиши назариявии пешниҳодшуда, дар диссертатсия як қатор камбудиҳое ҷой доранд, ки дар ҷараёни ҳимояи диссертатсия шарҳу тавзеҳи иловагиро тақозо менамоянд:

1. Яке аз масъалаҳои баҳсталаб, ки дар рисолаи илмӣ ба назар мерасад, ин муайян кардани мафҳуми амиқи «сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон» мебошад. Зеро, дар муҳити илми ҳуқуқшиносӣ байни сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ фарқият гузоштан ниҳоят мушкил мебошад. Аз ҷумла, масъалаи ба ин гурӯҳ дохил намудани сарчашмаҳои маънавӣ (ахлоқӣ, динӣ, адабӣ) ҳамчун манбаи мустақими ҳуқуқи инсон баҳсбарангез мебошад. Аз ин нигоҳ, мехостам муаллифи рисолаи илмӣ ҳангоми муҳокимаи ошкоро ба ин масъала равшанӣ андозад.

2. Масъалаи пайдоиш ва маншаи ғояи ҳуқуқи инсон аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми баҳсталаб ба шумор меравад. Дар илми муосир ду равиши асосӣ мавҷуд аст: яке ҳуқуқи инсонро ҳамчун маҳсули тамаддуни ғарбӣ арзёбӣ мекунад, ва дигаре онро падидаи умумибашарӣ медонад. Дар доираи таҳқиқот мавқеи дуюм дастгирӣ мегардад. Бо ин мақсад, аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки бо далелҳои амиқ мавқеи худро доир ба ин масъала муайян намояд.

3. Яке аз масъалаҳои муҳим, ки унвонҷӯ ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, баррасӣ кардани ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён ба ҳисоб меравад. Аммо, масъалаи дараҷаи инъикоси ҳуқуқу озодиҳои инсон дар он баҳсталаб мебошад. Зеро, агар аз як тараф, дар он унсурҳои муайяни ҳифзи ҳуқуқ мушоҳида шаванд, аз ҷониби дигар, маҳдудиятҳои табақавӣ ва иҷтимоӣ низ ба назар мерасанд, ки мавҷудияти принсипи баробарҳуқуқиро дар ин сарчашма зери савол қарор медиҳанд. Бо ин мақсад, ҳангоми ҳимояи рисолаи илмӣ ба ин масъала равшанӣ андохтани муаллиф мувофиқи мақсад мебошад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд, балки шаҳодат аз мубрамияти мавзуи рисолаи илмӣ намуда, гуногунпаҳлӯ будани онро бозгӯӣ менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)», дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонида шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғ.Н. Қодирзода

Имзои Қодирзода Ғ.Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия А.Р. Саидзода

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3; телефон: +992 (37) 226-60-42. факс: +992 (37) 226-60-43; сомона www.avkd.tj; E-mail: avkd.tj@mail.ru
«06» 04 соли 2026